## Суратҷаласаи №17

ҷаласаи шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-050-и назди Донишгоҳи технологии Тоҷикистон оид ба ҳимояи диссертатсияи Раҳмонова Ҷамилахон Абдуҳамидовна дар мавзӯи **«Коркарди технологияи маҳсулоти функсионалии қаннодии ордӣ бо иловаи ашёи ғайрианъанавӣ дар мисоли топинамбур»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 05.18.01 – Технологияи коркард, нигоҳдорӣ ва коркарди хӯшагиҳо, лӯбиёгиҳо, маҳсулоти ғалладона, мевагию полезӣ ва ангурпарварӣ аз 21 ноябри соли 2023

Оғози ҷаласа $9^{00}$

Анҷоми ҷаласа $11^{00}$

Шумораи аъзоёни шӯрои диссертатсионӣ дар ҳайати 15 нафар тасдиқ карда шудааст.

Дар ҷаласа 12 нафар иштирок доштанд.

*Раис*: д.и.т., дотсент Гафаров А.А.

*Иштирок намуданд*: д.и.т., профессор Иброгимов Х.И.- раисикунанда, д.и.т., дотсент Гафаров А.А, н.и.х., дотсент Икроми М.Б. –котиби илмӣ; д.и.т., дотсент Амонзода И.Т.; н.и.т., дотсент Акрамов Б.Н.; н.и.т., дотсент Мирзозода Г.Х.; д.и.б., профессор Мухиддинов А.Р.; д.и.х., профессор Муҳиддинов З.К.; н.и.т., дотсент Сафаров Ф.М., н.и.т., дотсент Ҳакимов Ғ.Қ.; н.и.т., дотсент Хушматов А.Т.; н.и.т., дотсент Яминзода З.А.

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

Ҳимояи кори диссертатсионии Раҳмонова Ҷамилахон Абдуҳамидовна дар мавзӯи **«Коркарди технологияи маҳсулоти функсионалии қаннодии ордӣ бо иловаи ашёи ғайрианъанавӣ дар мисоли топинамбур»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯи ихтисоси 05.18.01 – Технологияи коркард, нигоҳдорӣ ва коркарди хӯшагиҳо, лӯбиёгиҳо, маҳсулоти ғалладона, мевагию полезӣ ва ангурпарварӣ.

**Роҳбари илмӣ:**

**Рашидов Наим Ҷалолович -** доктори илмҳои кишоварзӣ, дотсент, мудири кафедраи агротехнология ва экологияи саноати Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд.

**Мушовири илмӣ:**
**Гафаров А.А.** – доктори илмҳои техникӣ, дотсент, и.в.профессори кафедраи мошин ва дастгоҳҳои истеҳсоли хӯрока, муовини ректори Донишгоҳи технологии Тоҷикистон оид ба илм ва татбиқот.

**Муқарризони расмӣ:**
**Партоев Қурбоналӣ** - доктори илмҳои кишоварзӣ, профессор, мудири озмоишгоҳи «Генетика ва селексияи растаниҳо»-и Институти ботаника, физиология ва генетикаи растаниҳои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;
**Усмонова Сурайё** - номзади илмҳои химия, ходими пешбари озмоишгоҳи кимиёи пайвастагиҳои фаромолекулавии Институти химияи ба номи В.И.Никитини Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, **ба диссертатсия тақризи мусбат доданд.**
**Муассисаи тақриздиҳанда** – Пажуҳишгоҳи давлатии илмӣ-тадқиқотии"Ғизо"-и Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон
*Шунида шуд*:
Баромади Раҳмонова Ҷ.А. доир ба моҳияти асосии кори диссертатсионӣ дар мавзӯи «Коркарди технологияи маҳсулоти функсионалии қаннодии ордӣ бо иловаи ашёи ғайрианъанавӣ дар мисоли топинамбур» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 05.18.01 – Технологияи коркард, нигоҳдорӣ ва коркарди хӯшагиҳо, лӯбиёгиҳо, маҳсулоти ғалладона, мевагию полезӣ ва ангурпарварӣ.

***Баромад намуданд:***
**Аъзоёни шурои диссертатсионӣ:** саволҳо аз ҷониби н.и.т., дотсент Акрамов Б.Н..; д.и.х., профессор Мухидинов З.Қ..; н.и.т., дотсент Ҳакимов Ғ.Қ.; н.и.т., дотсент Мирзозода Г.Х. ва д.и.т., профессор Иброгимов Х.И. доир ба мазмуни рисолаи илмӣ дода шуданд. Довталаб ба саволҳо ҷавобҳои мукаммал ва пурмазмун гардонид.
**Роҳбари илмии довталаб** - доктори илмҳои кишоварзӣ, дотсент, мудири кафедраи агротехнология ва экологияи саноати Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд Рашидов Наим Ҷалолович ба довталаб Раҳмонова Ҷ.А. ва диссертатсияи ӯ тақризи мусбӣ доданд.
Суханронии **котиби Шурои диссертатсионӣ** – н.и.к., дотсент Икроми М.Б.. оид ба:

- хулосаи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ба кори диссертатсионии барои ҳимоя пешбинишуда;

- хулосаи мусбии ташкилоти тақриздиҳанда - Пажуҳишгоҳи давлатии илмӣ-тадқиқотии“Ғизо”-и Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- тақризҳои мусбии воридшуда ба автореферат.

Баромади **муқаррizи расмӣ** - доктори илмҳои кишоварзӣ, профессор, мудири озмоишгоҳи «Генетика ва селексияи растаниҳо»-и Институти ботаника, физиология ва генетикаи растаниҳои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Партоев Қурбоналӣ ба кори диссертатсионии довталаб.

Ҷавоби довталаб ба эродҳои тақризи муқаррizи якум – Партоев Қ.

Баромади **муқаррizи расмӣ** - номзади илмҳои химия, ходими пешбари озмоишгоҳи кимиёи пайвастагиҳои фаромолекулавии Институти химияи ба номи В.И.Никитини Академияи миллии илмии Тоҷикистон Усмонова Сурайё.

Ҷавоби довталаб ба эродҳои тақризи муқаррizи дуюм Усмонова Сурайё ба кори диссертатсионии довталаб.

**Дар муҳокима аъзоёни Шурои диссертатсионӣ баромад намуданд:**

д.и.б., профессор Муҳиддинов А.Р., н.и.т., дотсент Мирзозода Г.Х., д.и.х., профессор Мухидинов З.Қ., д.и.т., профессор Иброгимов Х.И.

Дар баромади аъзоёни шуро муҳимияти кори тадқиқотӣ ва дурнамои он дар Тоҷикистон ва хориҷ аз кишвар қайд карда шуд. Рисолаи илмӣ дар доираи барномаҳои стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро шуда, аҳамияти илмӣ ва амалии зиёд дорад. Гуфта шуд, ки солҳои охир масъалаи хӯрока, ғизои солим хеле актуалӣ шудааст, зеро тағйироти иқлим, тағйироти муҳити зист ба хӯрока низ таъсир мерасонанд. Бинобар ин, кори диссертатсионии Раҳмонова Ҷ.А., ки ба ҳалли масъалаи коркарди технологияи маҳсулоти хӯрока равона шудааст, мубрам ва саривақтӣ мебошад.

Қайд карда шуд, ки довталаб моҳияти кори тадқиқотии худро дар сатҳи баланд муаррифӣ намуда ба эроду камбудиҳои экспертҳо ҷавобҳои пурра гардонид.

Раиси комиссияи ҳисобӣ доктори илмҳои химия, профессор Мухидинов З.Қ. аз натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ оид ба сарфароз гардонидани довталаб ба дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ маълумот манзур намуд.

Натиҷаи овоздиҳии пинҳонии аъзоёни шӯро: «тарафдор» 12, «муқобил»

– нест;  бетараф – нест.

*Қарори Шурои диссертатсионӣ 6D.КОА-050* :

1. Дар асоси овоздиҳии пинҳонии аъзоёни Шӯрои диссертатсионӣ, диссертатсияи Раҳмонова Ҷамилахон Абдуҳамидовна дар мавзӯи «Коркарди технологияи маҳсулоти функсионалии қаннодии ордӣ бо иловаи ашёи ғайрианъанавӣ дар мисоли топинамбур» ба талаботи Низомномаи “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ”, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №267 аз 30.06.2021 барои рисолаҳои номзади илмҳо тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад, довталаб Раҳмонова Ҷамилахон Абдуҳамидовна ба дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 05.18.01 – Технологияи коркард, нигоҳдорӣ ва коркарди хӯшагиҳо, лӯбиёгиҳо, маҳсулоти ғалладона, мевагию полезӣ ва ангурпарварӣ сазовор гардонида шавад.

2. Ба КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тасдиқи хулосаи Шӯрои диссертатсионӣ дар бораи сазовор гардонидани Раҳмонова Ҷамилахон Абдуҳамидовна ба дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 05.18.01 – Технологияи коркард, нигоҳдорӣ ва коркарди хӯшагиҳо, лӯбиёгиҳо, маҳсулоти ғалладона, мевагию полезӣ ва ангурпарварӣ бо гувоҳнома муроҷиат карда шавад.

Раисикунандаи шӯрои
диссертатсионии
6D.КОА – 050, доктори илмҳои
техникӣ, профессор — Иброгимов Х.И.

Котиби илмии Шӯрои
диссертатсионии 6D.КОА – 050,
номзади илмҳои кимиё, дотсент — Икроми М.Б.

Имзоҳои Иброгимов Х.И. ва Икроми
М.Б.-ро тасдиқ мекунам:
Мудири шуъбаи кадрҳо,
коргузорӣ ва корҳои махсуси ДТТ — Бухориев Н.А.

ДОНИШГОҲИ ТЕХНОЛОГИИ ТОҶИКИСТОН / ТЕХНОЛОГИЧЕСКИЙ УНИВЕРСИТЕТ ТАДЖИКИСТАНА / ШУЪБАИ КАДРҲО / ОТДЕЛ КАДРОВ